*Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 115 (4698) | ҶУМЪА, 22 СЕНТЯБРИ СОЛИ 2023 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

# САФАРИ КОРИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА ШАҲРИ НЮ-ЙОРКИ ИМА



**18 - уми сентябри соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо сафари корӣ барои иштирок дар мубоҳисаҳои умумии Иҷлоси 78-уми Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид, Вохӯрии сарони давлатҳои «Осиёи Марказӣ - ИМА» вориди шаҳри Нью-Йорки Иёлоти Муттаҳидаи Амрико шуданд.**

Зимни ин сафар Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳамоишҳои сатҳи баланди Созмони Милали Муттаҳид иштирок ва суханронӣ карда, дар ҳошияи ин чорабиниҳо бо як қатор сарони давлатҳо масоили ҳамкориҳои дуҷонибаю бисёрҷонибаи Тоҷикистон, мушкилоти ҷомеаи ҷаҳонӣ ва дигар масъалаҳои мубрамро баррасӣ намуданд.

**Аз ҷумла, 18-уми сентябри соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳошияи мубоҳисаҳои умумии Иҷлоси 78-уми Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид дар шаҳри Нью-Йорки Иёлоти Муттаҳидаи Амрико бо Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид Антонио Гутерриш мулоқот карданд.**

Дар рафти мулоқот масъалаҳои ҳамкории Тоҷикистону Созмони Милали Муттаҳид ва ниҳодҳои он, инчунин, рӯзномаи мубоҳисаҳои умумии Иҷлоси 78-уми Маҷмаи умумии созмон мавриди баррасӣ қарор дода шуд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид доштанд, ки Тоҷикистон ба рушду тавсеаи муносибатҳо бо Созмони Милали Муттаҳид аҳамияти ҷиддӣ медиҳад ва онро яке аз шарикони калидии худ дар арсаи байналмилалӣ мешуморад.



Ҷонибҳо зимни мулоқот оид ба мушкилоти зиёди сиёсию иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва амниятии ҷомеаи ҷаҳонӣ, аз ҷумла ташаннуҷи геополитикӣ, даргириҳои мусаллаҳона, хатарҳои терроризму экстремизм, бӯҳрони иқтисодию молиявӣ ва тағйирёбии иқлим табодули андеша карданд.

Таъкид гардид, ки Тоҷикистон барои расидан ба Ҳадафҳои рушди устувор, суръат бахшидан ба амалҳо оид ба «Рӯзномаи 2030» саъю талош дорад ва дар ин самт «Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030»-ро қабул карда, чандин барномаҳои дигари давлатиро мавриди иҷро қарор додааст.

Дар рафти мулоқот ба Созмони Милали Муттаҳид барои дастгирии пайваста аз ташаббусҳои глобалии Тоҷикистон изҳори сипос карда шуд.

Ҳамкорӣ дар самти об, тағйирёбии иқлим ва таъсири оқибатҳои он ба захираҳои об, пешгирии офатҳои табиӣ, рушди иқтидорҳои тавлиди «неруи сабз», қабули Қатъномаи Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид аз рӯи ташаббуси панҷуми Тоҷикистон оид ба ҳифзи пиряхҳо, аз мавзӯъҳои асосии мулоқот буданд.

Вобаста ба вазъи Афғонистони ҳамсоя таъкид гардид, ки Тоҷикистон тамоми имконоти логистикии худ, аз ҷумла шаш пулро дар марз бо ин кишвар барои расонидани кумаки башарӣ ба мардуми он фаро гузоштааст. Бозорҳои наздисарҳадӣ аз нав ба фаъолият шурӯъ кардаанд. Ба кишвари ҳамсоя неруи барқ, маҳсулоти ғизоӣ ва масолеҳи сохтмонӣ содирот мешавад.

Дар рафти вохӯрӣ ҷонибҳо, ҳамчунин, оид ба дигар мавзӯъҳои мубрами рӯзномаи байналмилалӣ ва минтақавӣ табодули андеша карданд.




**19 - уми сентябри соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Нью-Йорки Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар вохӯрии сарони давлатҳои «Осиёи Марказӣ - ИМА» иштирок ва суханронӣ карданд.**

Ҳамоиш бо истиқболи сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ аз ҷониби Президенти Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва маросими аксбардории хотиравии иштирокдорон оғоз гардид. Кори ҳамоишро бо сухани муқаддимавӣ Президенти Иёлоти Муттаҳидаи Амрико Ҷозеф Байден ифтитоҳ намуданд.

Роҳбарони кишварҳои Осиёи Марказӣ зимни суханронии худ доир ба масъалаҳои муҳими рӯзномаи ҷаласа ва таҳкими минбаъдаи ҳамкориҳои судманди давлатҳои ҳамоиш як қатор пешниҳодҳо намуданд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳор намуданд, ки натиҷаҳои мулоқоти имрӯза ба таҳкими минбаъдаи ҳамкориҳо дар сиғаи «Осиёи Марказӣ - ИМА» мусоидат хоҳад кард.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз доштанд, ки Тоҷикистон кӯшишҳои кишварҳоро барои рушди ҳамкорӣ дар соҳаҳои иқтисод, нақлиёту коммуникатсия, обу энергетика ва дигар масъалаҳои мубрами рушди устувор дастгирӣ мекунад.

«Дар заминаи вазифаи таъхирнопазири пешбурди «иқтисоди сабз» Тоҷикистон ба рушди «энергетикаи сабз» аҳамияти аввалиндараҷа медиҳад», - таъкид карданд Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон.

Зимни суханронӣ Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба истифодаи самараноки захираҳои гидроэнергетикии Тоҷикистон, истеҳсоли «неруи сабз», ташаббусҳои ҷаҳонии Тоҷикистон дар самти ҳалли масоили глобалӣ, аз қабили тағйирёбии иқлим ва таъсири он, обшавии пиряхҳо ва дигар мушкилоти ҷомеаи ҷаҳонӣ, ки ба рушду пешрафти кишварҳо монеаи ҷиддӣ эҷод мекунад, андешаронӣ карданд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таваҷҷуҳи саронии давлатҳоро ба масъалаи афзоиши таҳдиду хатарҳо, мубориза бо терроризму экстремизм, гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар, таъмини амнияти минтақавӣ, вазъи сиёсии Афғонистон ва ҳифзи сарҳади давлатии Тоҷикистон ҷалб намуда, дар ин раванд ҳамкорӣ ва мусоидати шарикони байналмилалиро зарур шумориданд. Таъкид гардид, ки Тоҷикистон иқтидори логистикии худ, аз ҷумла шаш пул дар марз бо Афғонистонро барои расонидани кумаки башардӯстона ба аҳолии кишвари ҳамсоя пешкаш намуда, неруи барқ ва тавассути бозорҳои наздисарҳадӣ, ки фаъолияташон аз нав ба роҳ монда шуд, масолеҳи сохтмонӣ ва маҳсулоти ғизоӣ содирот мекунад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид доштанд, ки субот дар Афғонистон омили муҳими рушди робитаҳои байниминтақавӣ мебошад, аз ин рӯ, мо манфиатдор ҳастем, ки сулҳу субот дар ин кишвар ҳар чӣ зудтар барқарор шавад.

Дар охир, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бори дигар аз мавқеи устувору тағйирнопазири Тоҷикистон дар ҳалли масъалаҳои мубрами ҷомеаи ҷаҳонию минтақавӣ ва рушду тавсеаи ҳамкориҳо ёдовар шуда, изҳор доштанд, ки мо қабули Эъломияи ин ҳамоишро ҷонибдорӣ мекунем.

Бояд гуфт, ки аз рӯи натиҷаи кори Вохӯрии сарони давлатҳои «Осиёи Марказӣ - ИМА» Эъломияи сарони давлатҳо қабул гардид, ки дар он масъалаҳои мубрами ҷаҳонию минтақавӣ ва самтҳои асосии ҳамкориҳо байни кишварҳои ин ҳамоиш дарҷ шуданд.

**19 - уми сентябри соли 2023 дар қароргоҳи Созмони Милали Муттаҳид, воқеъ дар шаҳри Нью-Йорки Иёлоти Муттаҳидаи Амрико Саммити Ҳадафҳои рушди устувор таҳти унвони «Сафарбар намудани молия ва сармоягузорӣ, инчунин воситаҳои татбиқи Ҳадафҳои рушди устувор» баргузор гардид.**

Дар кори ҳамоиш Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид Антонио Гутерриш, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, роҳбарони дигар давлатҳо, коршиносони байналмилалӣ, намояндагони сохторҳои Созмони Милали Муттаҳид ва дигар созмонҳои байналмилалӣ иштирок карданд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Саммити Ҳадафҳои рушди устувор бо нутқи пурмуҳтаво баромад намуданд. Зимни суханронӣ Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба дарёфти роҳҳои ҳалли мушкилоти маблағгузорӣ, бартараф кардани омилҳои таъсирбахши он ба рушди кишварҳо ва дигар масъалаҳои мубрами рӯзномаи Саммит андешаронӣ карданд.

Таъкид гардид, ки имрӯз ҷомеаи ҷаҳонӣ бояд возеҳ дарк намояд, ки мавзӯи маблағгузорӣ барои рушд аз омилҳои муҳими раванди ноил гардидан ба Ҳадафҳои рушди устувор ба ҳисоб меравад. Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зарур шумориданд, ки дар робита ба воқеияти феълии ҷаҳони муосир сохтори низоми байналмилалии молиявӣ таҷдид гардад.

«Кишварҳоро зарур аст, ки сиёсати масъулиятноки пулию қарзиро роҳандозӣ карда, ҳамоҳангсозии сиёсати макроиқтисодиро тақвият бахшанд, то ки барои кишварҳои рӯ ба тараққӣ, камтараққӣ ва ҷазиравӣ барои татбиқи «Рӯзномаи 2030» фазои мусоиди байналмилалӣ фароҳам оварда шавад», - изҳор доштанд Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз тадбирҳои Ҳукумати мамлакат ёдовар шуда, иброз доштанд, ки Тоҷикистон барои рафъи оқибатҳои мушкилоти молиявию иқтисодӣ ва истифодаи ҳамаҷонибаи иқтидорҳои мавҷуда ба мақсади таъмин намудани рушди босамари иқтисодӣ тадбирҳои иловагӣ андешида, ба хотири тавсеаи имкониятҳои маблағгузории бахши иҷтимоӣ талош меварзад.

**(Давомаш дар саҳ. 2)**

# ВОҚЕИЯТИ ФЕЪЛИИ ҶАҲОНИ МУОСИР ТАҚОЗО МЕНАМОЯД, КИ СОХТОРИ НИЗОМИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ МОЛИЯВӢ ТАҶДИД ГАРДАД

## Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Саммити Ҳадафҳои рушди устувор

**Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, 19 - уми сентябри соли 2023**

**Муҳтарам ҷаноби Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид,**

**Муҳтарам роҳбарони ҳайатҳо,**

**Хонумҳо ва ҷанобон!**

Имрӯз ҷомеаи ҷаҳонӣ бояд возеҳ дарк намояд, ки мавзӯи маблағгузорӣ барои рушд аз омилҳои муҳими раванди ноил гардидан ба Ҳадафҳои рушди устувор маҳсуб меёбад. Воқеияти феълии ҷаҳони муосир тақозо менамояд, ки сохтори низоми байналмилалии молиявӣ таҷдид гардад. Ҳамчунин, кишварҳоро зарур аст, ки сиёсати масъулиятноки пулию қарзиро роҳандозӣ карда, ҳамоҳангсозии сиёсати макроиқтисодиро тақвият бахшанд, то барои кишварҳои рӯ ба тараққӣ ҷиҳати татбиқи «Рӯзномаи 2030» фазои мусоиди байналмилалӣ фароҳам оварда шавад.

Имрӯз Ҳукумати Тоҷикистон барои рафъи оқибатҳои мушкилоти молиявию иқтисодӣ ва истифодаи ҳамаҷонибаи иқтидорҳои мавҷуда ба мақсади таъмин намудани рушди босамари иқтисодӣ тадбирҳои иловагӣ андешида, ба хотири тавсеаи имкониятҳои маблағгузории бахши иҷтимоӣ талош меварзад. Мо чунин мешуморем, ки дар баробари равона кардани маблағҳои дохилӣ, фароҳамсозии шароити байналмилалии мусоид ҷиҳати афзоиши истеҳсолот барои ноил шудан ба Ҳадафҳои рушди устувор нақши муҳим мебозад. Тадбирҳои андешидашуда набояд боиси зиёд шудани қарзи кишварҳо гарданд, зеро ин яке аз монеаҳои асосӣ дар роҳи татбиқи Ҳадафҳои рушди устувор мебошад. Имрӯз зарурати бештар намудани ҳаҷми кумакҳо ба мақсади рушд ҳанӯз боқӣ мемонад.







Тиҷорати ҷаҳонӣ ва сармоягузорӣ, ки омилҳои асосии рушди истеҳсолот мебошанд, бояд тақвият ёбанд ва ба раванди интиқоли технологияҳои нави аз ҷиҳати экологӣ устувор мусоидат кунанд. Мо, бо назардошти хатару таҳдидҳои муосир, аз амалҳои махсус, ки ба рушд равона шудаанд, ҷонибдорӣ менамоем. Пайомадҳои манфии хатару таҳдидҳои муосир ба кӯшишҳои мо барои ноил шудан ба рушди устувор монеаи ҷиддӣ эҷод мекунанд. Бахусус, оқибатҳои манфии тағйирёбии иқлим, ки дар давоми даҳсолаҳои охир бештар ба назар мерасанд, мисоли возеҳи ин гуфтаҳост. Дар натиҷаи тағйирёбии иқлим афзоиш ёфтани хавфи офатҳои табиӣ ва осебпазирии аҳолӣ аз он дар Тоҷикистон яке аз мушкилоти ҷиддӣ дар роҳи ноил шудан ба рушди устувор мебошад. Илова бар ин, тайи даҳсолаҳои охир ба таври назаррас об шудани пиряхҳои Тоҷикистон мушоҳида мешавад, ки пайомади он барои тамоми минтақа нигаронкунанда аст.

Мусаллам аст, ки андешидани тадбирҳои самарабахш дар самти тағйирёбии иқлим муттаҳидсозии кӯшишҳои моро дар сатҳи минтақавӣ ва байналмилалӣ тақозо мекунад. Албатта, гузариш ба рушди «иқтисоди сабз» сармоягузориҳои назаррасро барои рушди инфрасохтор ва истеҳсоли «энергияи сабз» аз манбаъҳои барқароршаванда талаб мекунад. Дар ин самт Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳамкории муассир бо шарикони рушд омодагии хешро изҳор медорад.

**Ташаккур!**





# ТАШАККУЛИ «ИҚТИСОДИ САБЗ» ЯКЕ АЗ ВАЗИФАҲОИ МУБРАМИ ИНСОНИЯТ ГАРДИДААСТ

**Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мубоҳисаҳои умумии Иҷлоси 78-уми Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид**

**Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, 20 - уми сентябри соли 2023**

**Муҳтарам ҷаноби Раис,**
**Муҳтарам Дабири кулл,**
**Хонумҳо ва ҷанобон!**

Дар шароити ҳассоси имрӯза ҷомеаи ҷаҳонӣ беш аз ҳар замони дигар ба ҳамгироӣ ва эътимод ниёз дорад. Дар пасманзари шиддат гирифтани таҳдиду хатарҳои муосир мо имрӯзҳо шоҳиди таҳаввулоти нигаронкунанда дар арсаи байналмилалӣ ҳастем. Терроризм, ифротгароӣ ва ҷиноятҳои муташаккили фаромарзӣ, мусаллаҳшавии бошитоб, инчунин, авҷ гирифтани «ҷанги сард» ба пойдории сулҳу субот, амният ва рушди байналмилалӣ таҳдид мекунанд. Ҳамзамон бо ин, оқибатҳои фалокатбори тағйирёбии иқлим - гармшавии шадид, обхезӣ, хушксолӣ, сӯхтор ва дигар офатҳои табиӣ, инчунин, камобӣ ва гуруснагӣ ба аҳли башар хатари ҷиддӣ эҷод карда истодаанд.

Дар ин замина, саъю талошҳои муштарак ҷиҳати рафъи ин хатару таҳдидҳо ва расидан ба ҳадафҳои «Рӯзномаи 2030» амри ҳатмӣ гардидааст. Аз ин лиҳоз, мавзӯи Иҷлоси 78-уми Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳидро зери унвони «Барқарорсозии эътимод ва ҳамбастагии ҷаҳонӣ: суръат бахшидан ба амалҳо оид ба «Рӯзномаи 2030» ва Ҳадафҳои рушди устувор дар самти сулҳ, шукуфоӣ, пешрафт ва устуворӣ» иқдоми саривақтӣ шуморида, аз он истиқбол менамоем.

**Хонумҳо ва ҷанобон!**

Бо вуҷуди иқдомҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ, дар татбиқи «Рӯзномаи 2030» барои ноил шудан ба аксари Ҳадафҳои рушди устувор пешравиҳо ҳанӯз ҳам назаррас нестанд. Дар ин раванд, бахусус, кишварҳои рӯ ба тараққӣ, камтараққӣ ва кишварҳои хурди ҷазиравӣ, мутаассифона, мушкилоти зиёд бар дӯш доранд.

Тоҷикистон низ зимни татбиқи Ҳадафҳои рушди устувор ба мушкилоти алоҳида дар самти ҳадафҳои 1, 7, 12 ва 13 рӯ ба рӯ гардидаст.

Аз ин рӯ, мо дарк менамоем, ки раванди ҳамбастагӣ, маблағгузорӣ, татбиқи уҳдадориҳо ва дигар чораҳои амалӣ бояд тақвият дода шаванд ва ин амр тағйироти воқеан бунёдиро тақозо менамояд.

Бинобар ин, Тоҷикистон пешниҳоди Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳидро оид ба «Рӯзномаи умумии мо» дар ин хусус дастгирӣ кард. Мо, ҳамчунин, аз иқдомоти Дабири кулл дар самти татбиқи «Рӯзномаи 2030», аз ҷумла ҳар сол ҷудо намудани ҳадди ақал 500 миллиард доллар ба кишварҳои рӯ ба тараққӣ, камтараққӣ ва хурди ҷазиравӣ барои суръат бахшидан ба ин раванд истиқбол менамоем.

Мо, инчунин, ислоҳоти низоми байналмилалии молиявиро ба мақсади таъмин намудани маблағгузории устувор ва дарозмуддат барои дастрасӣ ба Ҳадафҳои рушди устувор ва ҳалли мушкилоти марбут ба иқлим ҷонибдорӣ мекунем.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Тавре ки ҳамаи мо мушоҳида мекунем, таъсири тағйирёбии иқлим дар саросари ҷаҳон афзоиш меёбад. Соли равон мо шоҳиди ҳарорати баландтарини ҳаво дар тамоми давраи мушоҳидаҳо гардидем. Тибқи гузориши охири Созмони ҷаҳонии обуҳавосанҷии «Вазъи иқлим», гармшавии ғайримаъмулии ҳарорати ҳаво дар Осиё аз сатҳи миёнаи ҷаҳонӣ зиёдтар мушоҳида мешавад. Пайомадҳои манфии ин раванд, аз қабили хушксолӣ, обхезӣ, ярч ва сӯхтор дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон, аз ҷумла дар Тоҷикистон аз падидаҳои хеле нигаронкунанда мебошанд.

Тоҷикистон, ки 93 фоизи қаламрави онро кӯҳҳо ташкил медиҳанд, таъсири тағйирёбии иқлимро бештар эҳсос менамояд ва яке аз кишварҳои осебпазири ҷаҳон дар ин раванд маҳсуб меёбад.

Офатҳои вобаста ба иқлим дар шакли ярч, сел, обхезӣ, хушксолӣ ва тармафароӣ дар Тоҷикистон ҳар сол ба вуқӯъ пайваста, боиси талафоти ҷонӣ ва хисороти инфрасохторӣ мешаванд.

Дар ин замина, Тоҷикистон ба чаҳорчӯбаи Сендай оид ба коҳиши хатари офатҳои табиӣ, ки ба мусоидат дар такмили низоми огоҳсозии бармаҳал, афзоиши сармоягузорӣ ва расонидани кумаки молиявӣ ба кишварҳои рӯ ба тараққӣ ва камтараққӣ равона гардидааст, аҳамияти хоса медиҳад.

Тоҷикистон яке аз кишварҳои озмоишӣ дар татбиқи ташаббуси Созмони Милали Муттаҳид - «Огоҳии бармаҳал барои ҳама» мебошад. Дар ин ҷода мо омодагии худро барои ҳамкорӣ бо Созмони Милали Муттаҳид ва сохторҳои тахассусии он иброз медорем.

**Хонумҳо ва ҷанобон!**

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон беш аз 13 ҳазор пирях ба қайд гирифта шудааст. 60 фоизи захираҳои оби минтақа дар ҳудуди кишвари мо ташаккул меёбад. Мутаассифона, тайи даҳсолаҳои охир дар Тоҷикистон зиёда аз як ҳазор пирях аз байн рафтааст, ки ин барои амнияти озуқаворӣ, дастрасӣ ба об ва нигоҳдории экосистемаи Осиёи Марказӣ таъсири манфӣ расонида метавонад. Обшавии босуръати пиряхҳо ҳамчун манбаи асосии оби тоза андешидани тадбирҳои мушаххас, аз ҷумла пажӯҳиш, ҷамъоварӣ ва коркарди маълумот ва ҳамкориҳои амиқи байналмилалиро тақозо мекунад.

Дар ин росто, ба ҳамаи кишварҳои узв барои ҳамкорӣ дар қабули Қатъномаи Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид дар бораи эълон намудани соли 2025 «Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо» миннатдории худро иброз намуда, барои муттаҳид сохтани талошҳо ҷиҳати татбиқи ҳадафмандонаи ин қатънома даъват менамоям.

Мо дар доираи Гурӯҳи навтаъсиси «Дӯстони пиряхҳо» ва берун аз он омодаи ҳамкорӣ бо ҷомеаи ҷаҳонӣ дар татбиқи ваколатҳои қатъномаи мазкур ҳастем. Тоҷикистон мутмаин аст, ки ин иқдом ба андешидани тадбирҳои дастҷамъона ҷиҳати ҳифзи пиряхҳо такони ҷиддӣ хоҳад бахшид. Инчунин, мехостам аз натиҷаҳои бобарори Конфронси байналмилалии Созмони Милали Муттаҳид оид ба шарҳи фарогири миёнамуҳлати ҳадафҳои Даҳсолаи байналмилалии амал «Об - барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» ёдовар шавам. Бовар дорам, ки татбиқи уҳдадориҳои дар конфронс гирифтаи ҷомеаи ҷаҳонӣ барои расидан ба ҳадафи шашуми Ҳадафҳои рушди устувор ва ҳалли дигар масъалаҳои байналмилалии вобаста ба об мусоидат хоҳад кард.

Чанде пеш Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид Қатъномаи навбатиро оид ба пайгирии натиҷаҳои Конфронси мазкур, ки аз ҷониби Тоҷикистон, Нидерланд ва Сенегал пешбарӣ шуда буд, бо иттифоқи оро қабул кард. Умед дорем, ки кишварҳои аъзо ва дигар шарикон ба талошҳои мо дар ин ҷода пайваст хоҳанд шуд.

Қобили зикр аст, ки соли 2024 дар шаҳри Душанбе Конфронси сеюми сатҳи баланд оид ба татбиқи Даҳсолаи «Об - барои рушди устувор», ҳамчунин, соли 2025 Конфронси байналмилалӣ оид ба ҳифзи пиряхҳо баргузор мегардад.

Интизор дорем, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ дар ин чорабиниҳои муҳими байналмилалӣ иштироки фаъол хоҳанд дошт. Тоҷикистон ҳамчун кишвари ташаббускор дар рӯзномаи глобалии об ва иқлим барои рушди ҳамкориҳо миёни кишварҳо ва созмонҳо минбаъд низ талош хоҳад кард.

Дар шароити муосир ташаккули «иқтисоди сабз» яке аз вазифаҳои мубрами инсоният гардидааст. Дар кишвари мо 98 фоизи неруи барқ аз манбаи барқароршаванда, яъне гидроэнергетика истеҳсол мешавад ва Тоҷикистон аз рӯи ин нишондиҳанда дар ҷаҳон дар мақоми шашум қарор дорад.

Истифодаи самараноку оқилонаи захираҳои фаровони гидроэнергетикии Тоҷикистон метавонад барои рушди тавлиди «энергияи сабз» дар тамоми минтақа заминаи мусоид фароҳам оварад. Мо нақши «Хазинаи иқлими сабз»-ро дар раванди ҳаллу фасли масоили экологӣ ва мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим мусбат ва созанда медонем.

Бо пуштибонӣ аз нақшаи навбатии стратегии хазина барои солҳои 2024-2027 аз давлатҳои узв, бахусус кишварҳои мутараққӣ ва дигар ҷонибҳои манфиатдор даъват менамоем, ки дар маблағгузории татбиқи он саҳмгузор бошанд.

**Дӯстони азиз!**

Дар ҷаҳони имрӯза ҳамбастагии минтақавӣ ва ҳамгироӣ аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Ин ба кишварҳо имкон медиҳад, ки мушкилоти ҷориро ҳал намуда, ба пойдории сулҳу субот мусоидат кунанд ва ба ҳолатҳои фавқулода вокуниши фаврӣ нишон диҳанд. Ҳоло, дар натиҷаи тадбирҳои муштараки кишварҳои Осиёи Марказӣ барои таҳкими ҳамгироии минтақавӣ фазои мусоид фароҳам омадааст. Вохӯрии машваратии панҷуми сарони кишварҳои Осиёи Марказӣ, ки 14-15- уми сентябри соли 2023 дар шаҳри Душанбе баргузор гардид, инро собит сохт. Ин иқдом ба устувории фазои сулҳ, ҳамкорӣ, рушди мунтазам ва шукуфоӣ дар минтақаи мо мусоидат хоҳад кард.

**Хонумҳо ва ҷанобон!**

Амнияту субот ва ҳамкории минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ бевосита ба вазъи Афғонистон вобастагӣ доранд. Ин кишвар ҳанӯз ҳам дучори вазъи мураккаби сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мебошад. Тавре Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид зикр карданд, наваду ҳафт фоизи аҳолии Афғонистон дар ҳолати фақр қарор дорад. Бо назардошти чунин вазъи душвор, Тоҷикистон барои истифодаи имкониятҳои логистикии худ, аз ҷумла шаш пул дар сарҳад, барои идома расонидани кумакҳои башардӯстона ба мардуми Афғонистон шароити заруриро фароҳам овардааст. Бо истифода аз фурсати муносиб, мехоҳам ба ҷомеаи ҷаҳонӣ бори дигар муроҷиат намоям, ки ҳаҷми кумакҳои башардӯстонаро ба мардуми азияткашидаи Афғонистон бештар гардонанд. Дар ин росто, мо омодаи ҳамкориҳои минбаъда бо шарикони байналмилалӣ ва дигар ҷонибҳои манфиатдор ҳастем.

Мо ҳамоно роҳандозии муколамаи байниафғонӣ ва таъсиси ҳукумати воқеан ҳамашумулро бо иштироки намояндагони ҳамаи қавму миллатҳо ва гурӯҳҳои сиёсию иҷтимоӣ заминаи муҳими расидан ба сулҳу суботи пойдор дар Афғонистон медонем. Қочоқи маводи мухаддир, махсусан, аз қаламрави Афғонистон дар ду соли охир бамаротиб афзоиш ёфтааст. Дар ин давра мақомоти салоҳиятдори Тоҷикистон дар марз бо ин кишвар беш аз 10 тонна маводи мухаддирро мусодира кардаанд, ки назар ба солҳои пеш чандин маротиба зиёд аст.

Ҳукумати Тоҷикистон дар доираи «Стратегияи миллии мубориза бо терроризм ва ифротгароӣ барои солҳои 2021-2025» пайваста тадбирҳои амалӣ меандешад. Мо ният дорем, ки соли 2024 дар ҳамкорӣ бо ҷомеаи ҷаҳонӣ дар Душанбе Конфронси навбатии байналмилалиро оид ба мубориза бо терроризм ва маблағгузории он баргузор намоем.

Тоҷикистон бори дигар таъкид мекунад, ки вокуниш ба таҳдидҳои рӯзафзуни терроризм, ифротгароӣ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва дигар хатарҳои глобалии имрӯза бояд фарогир бошад. Дар робита ба ин, чунин мешуморем, ки Дафтари мубориза бо терроризми Созмони Милали Муттаҳид метавонад ва бояд дар татбиқи ҳамаҷониба ва мутавозини «Стратегияи глобалии зиддитеррористии созмон» ва дигар санадҳои дахлдори он фаъолияти муассир дошта бошад. Кӯшишҳо, инчунин, бояд барои пешгирӣ аз суиистифодаи интернет ба мақсади таблиғу ташвиқи тундгароӣ, ифротгароӣ ва зӯроварӣ равона карда шаванд.

Тоҷикистон аз арзёбии ҳаштуми «Стратегияи ҷаҳонии мубориза бо терроризми Созмони Милали Муттаҳид», ки дар моҳи июни соли ҷорӣ қабул гардид, истиқбол менамояд. Бовар дорем, ки ин санад барои роҳнамоии минбаъдаи талошҳои зиддитеррористии мо як заминаи устуворро фароҳам меоварад.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Ҷомеаҳои мо тавассути робитаҳои фарҳангӣ, урфу одат ва эътиқодоти гуногун ба ҳам пайванд мебошанд. Ин ҳамбастагӣ барои зисти осоишта дар фазои ҳамдигарфаҳмии фарҳангу динҳои гуногун заминаи хубест. Дар ин робита, зуҳуроти тафриқаандозӣ, хусумати нажодӣ ва динӣ, бо дарки пайомадҳои манфии онҳо, ғайри қобили қабул мебошад. Амалҳои зикршуда, инчунин, тобиши сиёсӣ додан ба масоили дину мазҳаб метавонанд пояи ҳамзистии ҷомеаи ҷаҳониро коста гардонанд. Поймолкунии эҳсоси динию мазҳабӣ, нафрат ва зӯроварӣ нисбат ба ҳар гуна дин ё эътиқод оқибатҳои фоҷиабор дорад. Чунин амалкардҳои иғвоангезона дар аксари ҳолатҳо асоси таҳаммулнопазирӣ ва нобоварӣ гардида, боиси ихтилофу низоъ байни тамаддунҳо мешаванд. Ба ин манзур, Тоҷикистон ҳама гуна таҳқири муқаддасоти эътиқодии мардум, аз ҷумла «Қуръон»-и карим ё дигар арзишҳои тамаддунию мазҳабии башариятро маҳкум менамояд.

Тоҷикистон ҳамчун ҳаммуаллифи Қатъномаи Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид зери унвони «Рушди муколамаи байнидинӣ ва фарҳангӣ ва таҳаммулгароӣ дар муқобила бо нафрат» бори дигар аҳамияти муколамаю ҳамдигарфаҳмӣ миёни тамаддунҳоро дар раванди таҳкими сулҳ таъкид мекунад. Мо чунин мешуморем, ки ташвиқу тарғиби ғояҳои таҳаммулгароӣ ва сулҳу дӯстӣ беҳтарин василаи муқовимат ба иғвоангезӣ, тафриқаандозӣ, таассуб, хушунат, ифротгароӣ ва тундгароӣ мебошад.

Биёед, дар муқобили амалҳое, ки моро аз ҳам ҷудо мекунанд, муттаҳид бошем ва ба сӯи ҷаҳоне ҳаракат кунем, ки эҳтиром ва шинохтани қадри ҳамдигар асоси он бошад.

**Хонумҳо ва ҷанобон!**

Тоҷикистон ҳамчун кишвари ҷонибдори сулҳу субот саъй дорад, ки барои солҳои 2028-2029 узвияти ғайридоимии Шӯрои амнияти Созмони Милали Муттаҳидро касб намояд. Бо истифода аз фурсат, аз кишварҳои узв даъват мекунам, ки аз номзадии кишвари мо дар интихоботи соли 2027 дастгирӣ намоянд.

Дар фарҷоми суханронӣ мехостам бори дигар таъкид намоям, ки расидан ба ҳамаи ҳадафҳои мувофиқашудаи мо танҳо бо роҳҳои ҳамдигарфаҳмӣ, ҳамоҳангсозӣ, ҳамгироӣ ва таҳаммулгароӣ имкон дорад.

Дар ин росто, мехоҳам аз мисраъҳои шоир, нависанда ва мутафаккири маъруфи тоҷику форс Саъдии Шерозӣ, ки ба мавзӯи ҳамоиши имрӯзаи мо ва татбиқи нақшаҳои зикршуда мувофиқ ва муносибанд, ёдовар шавам:

**Банӣ одам аъзои якдигаранд,**
**Ки дар офариниш зи як гавҳаранд.**
**Чу узве ба дард оварад рӯзгор,**
**Дигар узвҳоро намонад қарор.**

**Аз таваҷҷуҳатон сипосгузорам.**

# САФАРИ КОРИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА ШАҲРИ НЮ - ЙОРКИ ИМА

**(Идома аз саҳ. 1)**

Ба андешаи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар баробари равона кардани маблағҳои дохилӣ, фароҳамсозии шароити байналмилалии мусоид барои афзоиши истеҳсолот барои ноил шудан ба Ҳадафҳои рушди устувор нақши муҳим мебозад. Барои мусоидати фаъоли кишварҳо ҷиҳати рушд зарурати бештар намудани ҳаҷми кумакҳо муҳим аст.

Сарвари давлат таъкид намуданд, ки мо, бо назардошти хатару таҳдидҳои муосир, аз амалҳои махсус, ки ба рушд равона шудаанд, ҷонибдорӣ менамоем. Пайомадҳои манфии хатару таҳдидҳои муосир ва оқибатҳои манфии тағйирёбии иқлим барои ноил шудан ба рушди устувор монеаи ҷиддӣ эҷод мекунанд.

Аз ин рӯ, Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон андешидани тадбирҳои самарабахшро дар самти коҳиш додани таъсири ин омилҳо ва муттаҳидсозии кӯшишҳои кишварҳо дар сатҳи минтақавӣ ва байналмилалӣ зарур шумориданд.





**19-уми сентябри соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар қароргоҳи Созмони Милали Муттаҳид, воқеъ дар шаҳри Ню-Йорки Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, дар ҳошияи мубоҳисаҳои умумии Иҷлоси 78-уми Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид бо Президенти Ҷумҳурии Мардумии Демократии Алҷазоир Абдулмаҷид Таббун мулоқот карданд.**

Дар рафти мулоқот масоили таҳкиму густариши робитаҳои Тоҷикистону Алҷазоир мавриди баррасӣ қарор дода шуд. Ҷонибҳо зимни вохӯрӣ ба масъалаи тавсеаи робитаҳои ҳар ду кишвар дар соҳаҳои барои ҳар ду ҷониб муфид, ҳамчунин, масоили мубрами рӯзномаи мубоҳисаҳои умумии Иҷлоси 78-уми Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид таваҷҷуҳ зоҳир намуданд.



**19-уми сентябри соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар қароргоҳи Созмони Милали Муттаҳид, воқеъ дар шаҳри Ню-Йорки Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, дар ҳошияи мубоҳисаҳои умумии Иҷлоси 78-уми Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид бо Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон Садир Жапаров мулоқот карданд.**

Дар ҷараёни вохӯрӣ масоили ҳамкории Тоҷикистону Қирғизистон баррасӣ шуд. Ҷонибҳо дар баробари муҳокимаи робитаҳои дуҷониба, инчунин, оид ба рӯзномаи ҳамоиши мубоҳисаҳои умумии Иҷлоси 78-уми Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид табодули андеша карданд.



**19-уми сентябри соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳошияи мубоҳисаҳои умумии Иҷлоси 78-уми Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид дар шаҳри Ню-Йорки Иёлоти Муттаҳидаи Амрико бо Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон муҳтарам Сайид Иброҳим Раисӣ мулоқот намуданд.**

Дар мулоқот таҳкими минбаъдаи муносибатҳои Тоҷикистону Эрон ва масъалаҳои мубрами минтақавию байналмилалӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуд.

Роҳбарони ҳар ду давлат аз муколамаи созандаи сиёсӣ изҳори қаноатмандӣ намуда, идомаи муваффақонаи робитаҳо, пеш аз ҳама, дар соҳаҳои тиҷорату иқтисод, энергетика, нақлиёту транзит, сайёҳӣ, ҳамкории бисёрсамтаи минтақаҳо ва вилоятҳои ҳар ду кишвар, афзоиши парвозҳо байни кишварҳо ва сода гардонидани рафтуомади мардумони ду кишварро зарур шумориданд.

Таъкид гардид, ки татбиқи амалии «Барномаи ҳамкориҳои иқтисодию тиҷоратӣ байни ҳар ду кишвар то соли 2030» ва идомаи фаъолияти босамари Комиссияи муштараки байниҳукуматӣ барои амалисозии ҳадафҳо аҳамияти хос хоҳад дошт.

Дар ҷараёни вохӯрӣ роҳбарони ҳар ду давлат ҳамкории кишварҳоро дар чаҳорчӯби созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ, аз ҷумла Созмони Милали Муттаҳид ва ниҳодҳои он, Созмони ҳамкории иқтисодӣ, Созмони ҳамкории Шанхай ва Созмони ҳамкории исломӣ муҳокима карданд.

Дар рафти мулоқот ҷонибҳо оид ба афзоиши таҳдиду хатарҳои муосир, аз қабили терроризм, ифротгароӣ, қочоқи маводи нашъаовар, ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ ва ҷиноятҳои киберӣ, ки ба вазъи амниятии кишварҳо мушкилоти ҷиддӣ эҷод менамояд, табодули андеша намуданд.

Вобаста ба вазъи Афғонистон таъкид карда шуд, ки Тоҷикистону Эрон ба ҳайси ҳамсояҳои наздиктарин ба барқарории сулҳу субот дар ин кишвар беш аз дигарон манфиатдоранд. Дар рафти мулоқот ҷонибҳо, ҳамчунин, оид ба дигар масъалаҳои мавриди таваҷҷуҳ гуфтугӯи судманд анҷом доданд.

**20-уми сентябри соли 2023 дар қароргоҳи Созмони Милали Муттаҳид, воқеъ дар шаҳри Ню-Йорки Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, мубоҳисаҳои умумии Иҷлоси 78-уми Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид баргузор гардид.**

Зимни иштирок дар кори иҷлосия Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо нутқи пурмуҳтаво баромад намуданд.

Дар рафти суханронӣ Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таваҷҷуҳи ҳозиринро ба масъалаҳои таҳдиду хатарҳои ҷаҳони муосир, вазъи мураккаби сиёсии ҷаҳон ва таъсири онҳо ба иқтисоди кишварҳо, ташаккули «иқтисоди сабз», рушди тавлиди «энергияи сабз», мушкилоти глобалии сайёра, аз ҷумла тағйирёбии иқлим, талошҳои муштарак баҳри пешгирӣ аз офатҳои табиӣ ва ташаббусҳои ҷаҳонии Тоҷикистон оид ба ҳалли мушкилоти обӣ ва иқлимии сайёра ҷалб карданд. Таъкид гардид, ки дар шароити ҳассоси имрӯза ҷомеаи ҷаҳонӣ беш аз ҳар замони дигар ба ҳамбастагӣ ва эътимод ниёз дорад.

Терроризм, ифротгароӣ ва ҷиноятҳои муташаккили фаромарзӣ, мусаллаҳшавии бошитоб, инчунин, авҷ гирифтани «ҷанги сард» ба пойдории сулҳу субот, амният ва рушди байналмилалӣ таҳдид мекунанд.

Ҳамзамон бо ин, оқибатҳои хатарбори тағйирёбии иқлим - гармшавии шадид, обхезӣ, хушксолӣ, сӯхтор ва дигар офатҳои табиӣ, инчунин, камобӣ ва гуруснагӣ хатари ҷиддӣ эҷод карда истодаанд.

«Дар ин зимн, саъю талошҳои муштарак ҷиҳати рафъи ин хатару таҳдидҳо ва расидан ба ҳадафҳои «Рӯзномаи 2030» амри ҳатмӣ гардидааст. Аз ин лиҳоз, мавзӯи Иҷлоси 78-уми Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳидро зери унвони «Барқарорсозии эътимод ва ҳамбастагии ҷаҳонӣ: суръат бахшидан ба амалҳо оид ба «Рӯзномаи 2030» ва Ҳадафҳои рушди устувор дар самти сулҳ, шукуфоӣ, пешрафт ва устуворӣ» иқдоми саривақтӣ шуморида, аз он истиқбол менамоем», - таъкид доштанд Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон.

Таъсири тағйирёбии иқлим дар саросари ҷаҳон афзоиш меёбад. Пайомадҳои манфии ин раванд дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон, аз ҷумла дар Тоҷикистон аз падидаҳои хеле нигаронкунанда мебошанд.

Дар ин зимн, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз доштанд, ки Тоҷикистон ба чаҳорчӯбаи Сендай оид ба коҳиши хатари офатҳои табиӣ, ки ба мусоидат дар такмили низоми огоҳсозии бармаҳал, афзоиши сармоягузорӣ ва расонидани кумаки молиявӣ ба кишварҳои рӯ ба тараққӣ ва камтараққӣ равона гардидааст, аҳамияти хоса медиҳад.

Обшавии босуръати пиряхҳо, яке аз манбаи асосии оби тоза, андешидани тадбирҳои мушаххас, аз ҷумла пажӯҳиш, ҷамъоварӣ ва коркарди маълумот ва ҳамкориҳои амиқи байналмилалиро тақозо мекунад.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба кишварҳои аъзо барои ҳамкорӣ дар қабули Қатъномаи Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид дар бораи эълон намудани соли 2025 «Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо» изҳори миннатдорӣ карданд.

Аз натиҷаҳои бобарори Конфронси байналмилалии Созмони Милали Муттаҳид оид ба шарҳи фарогири миёнамуҳлати ҳадафҳои Даҳсолаи байналмилалии амал «Об - барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» ёдовар шуда, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳор намуданд, ки татбиқи уҳдадориҳои дар конфронс гирифтаи ҷомеаи ҷаҳонӣ барои расидан ба ҳадафи шашуми Ҳадафҳои рушди устувор ва ҳалли дигар масъалаҳои байналмилалии вобаста ба об мусоидат хоҳад кард.

Соли 2024 дар шаҳри Душанбе Конфронси сеюми сатҳи баланд оид ба татбиқи Даҳсолаи «Об - барои рушди устувор», ҳамчунин, соли 2025 Конфронси байналмилалӣ оид ба ҳифзи пиряхҳо баргузор мегардад. Интизор меравад, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ дар ин чорабиниҳои муҳими байналмилалӣ иштироки фаъол хоҳад дошт.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз доштанд, ки Тоҷикистон ҳамчун кишвари ташаббускор дар рӯзномаи глобалии об ва иқлим барои рушди ҳамкориҳо миёни кишварҳо ва созмонҳо дар ин ҷода минбаъд низ талош хоҳад кард. Таъкид гардид, ки дар шароити муосир ташаккули «иқтисоди сабз» яке аз вазифаҳои мубрами инсоният гардида, истифодаи самараноку оқилонаи захираҳои фаровони гидроэнергетикии Тоҷикистон метавонад барои рушди тавлиди «энергияи сабз» дар минтақа заминаи мусоид фароҳам оварад.

Вобаста ба вазъи сиёсӣ дар минтақа ва ҷаҳон Сарвари давлат оид ба талошҳою ташаббусҳои созандаи Тоҷикистон, аз ҷумла қабули «Стратегияи миллии мубориза бо терроризм ва ифротгароӣ барои солҳои 2021-2025» ва дар соли 2024 дар ҳамкорӣ бо ҷомеаи ҷаҳонӣ дар Душанбе баргузор кардани Конфронси навбатии байналмилалӣ оид ба мубориза бо терроризм ва маблағгузории он, андешаронӣ карданд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамбастагии фарҳангӣ, башардӯстона, эътирофи мутақобилаи урфу одат ва эътиқодоти гуногуни ҷомеаи ҷаҳониро таъкид намуданд. Дар ин ҷода Сарвари давлат қайд намуданд, ки ташвиқу тарғиби ғояҳои таҳаммулгароӣ ва сулҳу дӯстӣ беҳтарин василаи муқовимат ба иғвоангезӣ, тафриқаандозӣ, таассуб, хушунат, ифротгароӣ ва тундгароӣ мебошад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз доштанд, ки кишварҳои аъзои Созмони Милали Муттаҳид дар ҳамкорӣ барои ҳалли мушкилоти глобалии сайёра саъю талоши созанда хоҳанд кард.

**www.prezident.tj**



# ВОХӮРИИ МУҲТАРАМ РУСТАМИ ЭМОМАЛӢ БО ИШТИРОККУНАНДАГОНИ БОЗИҲОИ ОСИЁӢ

**18-уми сентябри соли 2023 Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ бо ҳайати дастаи мунтахаби Тоҷикистон, ки дар «Бозиҳои 19-уми осиёӣ» иштирок менамоянд, вохӯрӣ карданд.**

Бозиҳои осиёӣ аз 23-юми сентябр то 8-уми октябри соли равон дар шаҳри Ханжоуи Ҷумҳурии Мардумии Чин доир гардида, дар он варзишгарони 45 давлати қораи Осиё иштирок менамоянд. Дастаи мунтахаби Тоҷикистон дар ҳайати 118 варзишгар дар 19 навъи варзиш қувваозмоӣ мекунад.

Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ зимни суханронӣ иброз намуданд, ки варзиш яке аз василаҳои пайвандгари халқу миллатҳо буда, дар шароити имрӯзаи ҷаҳонишавӣ он ҳамчун ҷузъи муҳими низоми арзишҳои фарҳангии халқу миллатҳо баромад менамояд ва давлатҳои ҷаҳон тавассути баргузории чорабиниҳои гуногун баҳри муаррифии рукнҳои фарҳангии худ ва ҳифзи манфиатҳои миллиашон талош меварзанд.

Пешвои миллат аз рӯзи аввали соҳибистиқлолӣ соҳаи варзишро мавриди таваҷҷуҳ ва ғамхории бевосита қарор додаанд. Варзишгарони тоҷик давоми шаш соли охир дар мусобиқаҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ иштирок намуда, сазовори медалҳои зиёд гардидаанд. Ҳамзамон, дар сатҳи мусобиқаҳои байналмилалӣ борҳо Парчами давлатӣ парафшон ва Суруди Миллӣ садо додааст, ки боиси ифтихори миллати тоҷик мебошад.

Бояд гуфт, ки бо ташаббуси Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар баробари фароҳам овардани шароити муносиб ба варзишгарон, инчунин, қабл аз сафари онҳо ба мусобиқаҳои бузург чунин мулоқоти судманд ва муаррифии либосҳои расмӣ анҷом дода мешавад. Ин маротиб низ бо ташаббуси роҳбарияти олии мамлакат либосу лавозимоти варзишӣ бо рангҳои Парчами давлатӣ ороёфта омода гардида, ба варзишгарон тақдим шуд.

Қобили зикр аст, ки аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба варзишгароне, ки дар «Бозиҳои 19-уми осиёӣ» нишони тилло мегиранд, 150 000 сомонӣ, барандагони нишони нуқра 100 000 сомонӣ ва соҳибони нишони биринҷӣ 50 000 сомонӣ Ҷоизаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешавад.

Бо такя ба сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат баҳри дастгирии варзишгарон дар «Бозиҳои 19-уми осиёӣ» қарори дахлдори Раиси шаҳри Душанбе ба тасвиб расид, ки тибқи он, ба гирандагони медали тилло хонаи 3 - ҳуҷрадор, нуқра - 2 ва медали биринҷӣ хонаи 1 - ҳуҷрадор тақдим мегардад.

Дар Бозиҳои осиёии навбатӣ парчамбардори мунтахаби Тоҷикистон паҳлавони тоҷик Темур Раҳимов интихоб шуд. Ӯ аз номи ҳайати иштирокчиён сухан гуфта, ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ барои дастгирии пайваста ва ҳамаҷониба миннатдорӣ ва сипосмандии ҳамаи варзишгаронро расонид ва иброз намуд, ки варзишгарон талош менамоянд, ки зинаҳои ифтихориро соҳиб гарданд ва Парчами давлатии Тоҷикистонро баланд бардоранд.

Дар фарҷоми чорабинӣ Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ ба Темур Раҳимов - парчамбардори дастаи варзишгарони Тоҷикистон Парчами давлатиро тақдим намуда, ба онҳо барору музаффарият ва комёбиҳо таманно намуданд.

**АМИТ «Ховар»**

# САФАРИ ҲАЙАТИ ПАРЛУМОНИИ ТОҶИКИСТОН БА ШАҲРИ СЕУЛИ ҶУМҲУРИИ КОРЕЯ

**19-уми сентябри соли 2023 Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода дар доираи сафари корӣ ба Ҷумҳурии Корея ва иштирок дар Конфронси якуми раисони парлумонҳои Корея ва Осиёи Марказӣ дар иҷлосияи пленарӣ дар мавзӯи «Биниш ва самти ҳамкориҳои минтақавӣ байни Корея ва Осиёи Марказӣ: ҷаҳиши нав барои 30 соли оянда» баромад намуд.**



Раиси Маҷлиси намояндагон Маҳмадтоир Зокирзода ба Раиси Ассамблеяи миллии Ҷумҳурии Корея Ким Ҷин Пё барои даъват ба чорабинӣ изҳори сипос намуда, таъкид намуд, ки ин мулоқот дар роҳи рушду таҳкими минбаъдаи муносибатҳои гуногунҷанбаи кишварҳои мо, аз ҷумла робитаҳои байнипарлумонӣ қадами муҳим хоҳад буд.

Дар тӯли се даҳсола муносибатҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Корея дар заминаи ҳусни тафоҳум, эҳтироми мутақобила ва эътимод босуръат инкишоф ёфтанд. Дар ин замина, мулоқот дар чорчӯбаи Конфронси якуми раисони парлумонҳои Корея ва Осиёи Марказӣ метавонад як минбари пурсамар барои тавсеаи ҳамкориҳо байни давлатҳо гардад.

Конфронси имрӯза аз ҳавасмандии давлатҳои Осиёи Марказӣ ва Корея барои таҳкими минбаъдаи ҳамкориҳои судманди тарафайн шаҳодат медиҳад. Боварӣ дорам, ки ин мулоқот ба фаъолияти мо такони нав мебахшад. Халқҳои мо дар асоси арзишҳои умумибашарӣ дар давоми асрҳо ба инкишофи тамаддуни ҷаҳонӣ ҳиссаи сазовор гузоштаанд.




Маҳмадтоир Зокирзода изҳор доштанд, ки Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ масъалаҳои таҳкими муносибатҳои гуногунҷанба бо кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Ҷумҳурии Кореяро яке аз самтҳои муҳими сиёсати хориҷии худ муайян кардааст.

Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Ҷумҳурии Корея равобити гуногунҷанба дошта, солҳои охир дар рӯҳияи ҳамдигарфаҳмӣ, эҳтиром ва эътимоди ҳамдигар ба рушди босуръати бисёр соҳаҳо ноил гардиданд. Мо метавонем ҳамкориҳои судманд дар соҳаҳои иқтисодӣ, гидроэнергетика, саноати нассоҷӣ, кимиё ва хӯроквориӣ, истихроҷ ва коркарди маъданҳои зеризаминӣ ва металлҳои нодир, мошинсозӣ, дорусозӣ, кишоварзӣ, нақлиёт ва сайёҳӣ дошта бошем. Боварӣ дорем бо ба роҳ мондани шаклҳои нави ҳамкорӣ дар ин самт низ ба дастовардҳои назаррас ноил мегардем.

Ба шарофати фазои мусоиди сиёсӣ дар Осиёи Марказӣ равобити тиҷоратию иқтисодӣ хуб ба роҳ монда шудааст, ки он ба рушди устувори кишварҳои минтақа мусоидат мекунад. Бо ин мақсад истифода бурдани иқтидори муассисаҳои молиявӣ, ба монанди Агентии Корея оид ба ҳамкории байналмилалиро муҳим мешуморем.

Натиҷаи мулоқоти имрӯза омили муассири таҳкими ҳамкориҳои мутақобилан судманди парлумонҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Корея гардида, дар муносибатҳои кишварҳоямон саҳифаи нав мекушояд.

**19-уми сентябри соли 2023 Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода дар доираи сафари корӣ ба Ҷумҳурии Корея ва иштирок дар Конфронси якуми раисони парлумонҳои Корея ва Осиёи Марказӣ, дар ҷаласаи вижа оид ба ҳамкориҳои иқтисодии Осиёи Марказӣ ва Корея суханронӣ намуд.**

Маҳмадтоир Зокирзода зикр кард, ки мулоқоти имрӯза ба мо имкон медиҳад, ки платформаи нав эҷод кунем ва уфуқҳои нави ҳамкориҳои Осиёи Марказӣ ва Кореяро муайян намоем. Баромадҳои пурмазмуни иштирокдорон аз дигаргуниҳои куллӣ дар минтақаи мо шаҳодат медиҳанд.

Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ муносибатҳои гуногунҷанбаро бо Ҷумҳурии Корея яке аз самтҳои муҳими сиёсати хориҷии худ муайян намудааст. Дар ин замина, аз ташаббуси таъсиси муколамаи стратегӣ дар формати «Сарони парлумонҳои Осиёи Марказӣ - Ҷумҳурии Корея» ҷонибдорӣ мекунем. Мо омодаем ҳамкориҳои мутақобилан судмандро дар бахшҳои мавриди таваҷҷуҳи тарафайн, аз ҷумла дар чорчӯбаи «Форуми ҳамкориҳои Осиёи Марказӣ - Ҷумҳурии Корея ва форумҳои тиҷоратӣ дар формати 5+1» таҳким бахшем, ки ин барои амалӣ гардондани лоиҳаҳои муайян заминаи мусоид фароҳам меорад. Дар ин замина, мо ба ҷалби имкониятҳои сармоягузории Ҷумҳурии Корея ба иқтисоди Тоҷикистон манфиатдорем.

Тоҷикистон дорои иқтидори бузурги гидроэнергетикӣ буда, тавассути бунёди як қатор неругоҳҳои барқи обии иқтидорашон гуногун саъй дорад, бахши «энергетикаи сабз»-ро ба манфиати минтақа инкишоф диҳад. Итминони комил дорем, ки муассисаҳои молиявии Ҷумҳурии Корея дар татбиқи лоиҳаҳои гидроэнергетикии мо саҳми худро хоҳанд гузошт.

Самти ояндадори ҳамкориҳои мутақобилан судманди мо метавонад таъсиси корхонаҳои муштараки коркарди маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тозаи кишоварзӣ бошад. Ташаббусҳои муҳим зимни ҷаласа ба миён гузошта шуданд, ки он ба таҳкими ҳамкориҳои амалии Осиёи Марказӣ ва Ҷумҳурии Корея нигаронида шудаанд. Боварӣ дорам, ки натиҷаи ин мулоқот барои таҳкими муносибатҳои дӯстӣ, рушди устувор ва шукуфоии минтақа мусоидат хоҳанд кард.

**20-уми сентябри соли 2023 Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода дар доираи сафари корӣ ба Ҷумҳурии Корея ва иштирок дар Конфронси якуми раисони парлумонҳои Корея ва Осиёи Марказӣ бо Раиси Ассамблеяи миллии Ҷумҳурии Корея Ким Ҷин Пё мулоқот намуд.**

Зимни мулоқот Маҳмадтоир Зокирзода иброз намуд, ки ин мулоқот ба рушди муносибатҳои байнипарлумонии кишварҳои мо такони ҷиддӣ хоҳад бахшид.

Ҳамкориҳои байнипарлумонӣ ва ҳамчунин, робитаҳои кумитаҳои дахлдор, ҳам ба таҳкими муколамаи байнипарлумонӣ ва ҳам ба рушди муносибатҳои Тоҷикистону Корея мусоидат хоҳад кард.

Зимнан, бо мақсади ба сатҳи сифатан нав баровардани муносибатҳои байнипарлумонӣ Гурӯҳи дӯстӣ ва ҳамкории Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба Ассамблеяи миллии Ҷумҳурии Корея таъсис додаем.

Маҷлиси намояндагон ҷонибдори ҳамкориҳои фаъоли мақомоти қонунгузории ҳар ду кишвар мебошад. Мубодилаи сафарҳо дар сатҳҳои гуногун, ширкат дар чорабиниҳо, инчунин, муколамаи ошкоро оид ба масъалаҳои доғи байналмилалӣ ва минтақавӣ имкон медиҳад, ки робитаҳои байнипарлумонӣ таҳким ёбад.

- Мутмаинам, ки вохӯрии мо боиси рушди бештари ҳамкориҳои мутақобилан судманди кишварҳоямон мегардад, - иброз намуд Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода.

Бо ҳамин сафари кории Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода дар Ҷумҳурии Корея ба поён расид.

**Муҳаммадато СУЛТОНОВ,**
**мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# ПУРҶИЛОТАР МЕШАВАД ТОРАФТ «КОХИ НУР»

## Боздид аз иншооти бузурги аср



### МАНБАИ «ЭНЕРГИЯИ САБЗ»

Боиси ифтихор аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 98 дарсади неруи барқ дар неругоҳҳои барқи обӣ истеҳсол мешавад ва аз рӯи ин нишондиҳанда, яъне фоизи истеҳсоли «энергияи сабз» кишвари мо дар ҷаҳон ҷои шашумро ишғол менамояд.

Сохтмони НБО «Роғун» барои ҷумҳуриамон аҳамияти бузурги иқтисодию иҷтимоӣ ва сиёсию фарҳангӣ дорад. Аз ин рӯ, бо ташаббус ва таваҷҷуҳи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2006 сохтмони ин неругоҳи азим, ки ҳанӯз дар даврони шӯравӣ оғоз ёфта, бар асари ҷанги шаҳрвандӣ сохтмонаш қатъ гардида буд, аз нав шурӯъ гардида, агрегати якуми он 16-уми ноябри соли 2018 ва агрегати дуюми он 9-уми сентябри соли соли 2019 мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтанд.

Бо ташаббуси Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мо як гурӯҳ рӯзноманигорони аъзои «Маҳфили экожурналистон» 31-уми августи соли равон ба НБО «Роғун» сафар намуда, бо рафти корҳои сохтмонӣ аз наздик ошно шудем.

Муовини директори истеҳсолии ҶСК НБО «Роғун» Қурбонназар Давронов, ки аз соли 2011 дар иншооти мазкур фаъолият мекунад, рӯзноманигоронро қабл аз ҳама, бо қоидаҳои бехатарӣ ва амниятӣ ошно намуда, тибқи нақша, дар бораи корҳои анҷомдодашуда дар ин манбаи «энергияи сабз» маълумот дод. Ӯ зикр намуд, ки тамоми ниҳодҳои дар неругоҳ фаъолияткунанда дорои мутахассисони техникаи бехатарӣ, мошинҳои «Ёрии таъҷилӣ» ва бунгоҳҳои тиббӣ мебошанд. Яъне, бехатарӣ ва ҳифзи саломатии тамоми кормандон доимо дар мадди назари роҳбарияти ин иншооти бузург қарор дорад.

Қурбонназар Давронов ёдовар шуд, ки ҳанӯз соли 1980 корҳои сохтмонӣ дар қитъаҳои асосии НБО «Роғун» оғоз гардида буд. То соли 1988 дар иншоот корҳои зиёд ба анҷом расиданд. Ҳатто дигар кардани маҷрои дарё низ. Баъди пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ ва қатъ гардидани маблағгузорӣ корҳои сохтмонӣ мутаваққиф гашта, иншоот қариб, ки беназорат монд. Дар натиҷаи боронҳои шадиди соли 1993 садама ба амал омада, дарғот шуста шуд.

Солҳои 2006-2007 бо иқдоми Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон корҳои рафъи оқибатҳои садама оғоз ёфта, сохтмони «Кохи нур» дубора оғоз шуд. Соли 2014 коршиносони Бонки ҷаҳонӣ лоиҳаи НБО «Роғун»-ро баҳогузорӣ намуда, вобаста ба бехатарии сарбанд, ҷиҳатҳои экологӣ, иҷтимоӣ ва дигар ҷанбаҳои лоиҳа хулосаи ниҳоӣ доданд. Баъди ба истифода додани ду агрегат, аз соли 2018 то ин дам дар НБО «Роғун» зиёда аз 6 миллиард киловатт/соат неруи барқ истеҳсол гардида, ба системаи ягонаи барқи Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқол дода шудааст.

### МАКТАБИ ОБУТОБЁБИИ МУТАХАССИСОНИ ҶАВОН

Пас аз пӯшидани либоси махсус ва кулоҳи ҳифозатӣ ба соҳили чапи дарёи Вахш, даромадгоҳи нақби обпартои қабати сеюм равон шудем. Бояд гуфт, ки қисми зиёди иншооти НБО «Роғун» зеризаминӣ буда, тибқи лоиҳа, бояд зиёда аз 100 километр корҳои зеризаминӣ гузаронида шавад. То имрӯз 75 дарсади корҳо ба анҷом расида, дар қисматҳои боқимонда кор идома дорад. Дарвоқеъ, НБО «Роғун» ба як майдони ҷасорату мардонагӣ ва созандагию офарандагӣ табдил ёфтааст. Дар он зиёда аз 14 ҳазору 500 нафар кормандон аз тамоми шаҳру навоҳии мамлакат дар ду баст фаъолият мекунанд. Теъдоди техникаю таҷҳизоти муосир бештар аз 3500 адад мебошад. Аз ин рӯ, метавон гуфт иншооти мазкур ошёни ваҳдату баҳамоии сокинони мамлакат, мактаби обутобёбии мутахассисони ҷавон ва такмили ихтисоси муҳандисону коргарон гардидааст.

Имрӯз хатмкардагони коллеҷу донишкада ва донишгоҳҳои техникии мамлакат дар ин майдони ҷасорат аз собиқадорон нозукиҳои кор меомӯзанд. Баъди ба истифода додани НБО «Роғун» ҳар як коргари он бо ифтихор ёд мекунад, ки дар бунёди иншооти мазкур саҳм гузошта буд.

- Баландии сарбанди неругоҳ 335 метр муқаррар шуда, ҳаҷми маводе, ки дар сарбанд хобонда мешавад, 80 миллион метри мукаабро ташкил медиҳад. То имрӯз дар он зиёда аз 19 миллион метри мукааб мавод хобонда шудааст. Баъди ба анҷом расидани сохтмони сарбанд, он баландтарин дар ҷаҳон хоҳад гашт, - гуфт Қурбонназар Давронов.

Вақте ба қисмати ядрои сарбанд омадем, кор бо ҷӯшу хурӯш идома дошт. Он яке аз иншооти муҳими неругоҳ ба ҳисоб рафта, корҳои сохтмонию васлгариро мутахассисони ватанию хориҷӣ тибқи нақша, ҷавобгӯ ба меъёрҳои байналмилалӣ иҷро мекунанд. Дар қитъаи мазкур корҳои хобонидани бетони пуркунанда ва кӯбидашаванда, арматурбандӣ ва бетонхобонии галереяҳо дар марҳалаи анҷомёбӣ қарор дорад. Тавре мушоҳида кардем, ҳар як мошини ба ин қитъа воридшаванда дар майдончаи махсус бо фишори баланди об шуста мешаванд, то ки ба иншоот бе гарду лой ворид шаванд. Ҳаҷми лоиҳавии корҳои бетонӣ дар таҳкурсии ядрои сарбанди асосии НБО 268,4 ҳазор метри мукаабро ташкил медиҳад. То ин дам зиёда аз 95 дарсади корҳои бетонхобонӣ ва 91 дарсад корҳои сементатсионӣ хушсифат ба анҷом расидаанд.

Шумораи чоҳҳои сементатсияи мустаҳкамкунанда тибқи лоиҳа 3305 адад буда, то имрӯз зиёда аз 3025 адад чоҳҳо парма ва сементатсия карда шудаанд. Баъди ба анҷом расидани корҳои бетонхобонӣ ва сементатсионӣ тамоми сатҳи бетони хобонидашуда асфалтпӯш шуда, корҳои пур кардан бо маводи гилхок барои бунёди худи ядрои сарбанд шурӯъ мегардад. Ядрои сарбанд бо мақсади пешгирӣ намудани полоиши об аз баданаи сарбанди об хизмат мерасонад ва аз маводи гилхоки қобилияти обгузарониаш хеле кам сохта мешавад. Ҳаҷми маводи гилхоки барои ядрои сарбанд истифодашаванда 7,4 миллион метри мукаабро ташкил медиҳад. Пас аз гилхок маводи филтри қабати якум (сангрезаи 0,10-5,20 мм) барои ҳимояи баданаи ядро хобонида мешавад. Бетоне, ки дар таҳкурсии ядрои сарбанд мехобонанд, бетони ҷаббидашаванда мебошад. Он аз бетони маъмулӣ ба куллӣ фарқ дошта, ҳаҷми ками об ва ҳаҷми ками семент дорад. Онро бо мошинҳои калонҳаҷм кашонида, бо булдозер тахту ҳамвор ва бо мошинҳои ҳамворкунанда зич менамоянд.

Барои бунёди ядрои сарбанд тамоми девори дарунии кӯҳро аз ҷинсҳои ҳавохӯрда ва бодбурда тоза кардан лозим меояд. Танҳо раванди тоза кардани паҳлуҳои кӯҳ қариб се сол идома ёфт. Дар ин муддат корҳои тоза намудан, мустаҳкамсозию бехатаргардонии соҳилҳои чапу рости паҳлӯи кӯҳҳо иҷро гардида, қариб 2,7 миллион метри мукааб ҷинсҳои резондашуда аз қитъаи мазкур бароварда шуданд. Ду паҳлӯи кӯҳ саросар симтӯр гирифта шудааст, то санге ба майдони сохтмон наафтад. Маводи гилхок 30 сантиметр шиббa карда, аз он намуна гирифта мешавад. Агар он тибқи стандарт бошад, пас барои хобондан иҷозат медиҳанд.

Аз як тараф, ҷасорату ҳалолкории кормандони иншооти бузурги аср, аз тарафи дигар, эҳтиёткорию дақиқкорӣ ва тибқи стандартҳои ҷаҳонӣ ба роҳ мондани сифати кор ва назорати доимии онро дида, бори дигар ба пучу бемағз будани ахбори муғризонаю бардурӯғи баъзе расонаҳои хориҷӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ боварӣ ҳосил намудем, зеро дар ин «Кохи нур» ҳар як амал тибқи лоиҳаи борҳо аз ташхиси коршиносони байналмилалӣ гузаронидашуда сурат мегирад. Дар оянда НБО «Роғун» на танҳо бо сарбанди баландтарин, балки бо садди мустаҳкамтаринаш дар дафтари таърих сабт хоҳад шуд.

Дар ин қитъа корҳои сохтмону васлгариро мутахассисону коргарони Ширкати итолиёии «Вибилд», «Треви» ва ҶСК «Тоҷикгидроэлектромонтаж» анҷом дода истодаанд.

### ФАТҲИ ҚУЛЛА НАЗДИКТАР МЕШАВАД

Мо бо роҳнамоии Қурбонназар Давронов ба қисмати сатҳи ниҳоии сарбанд рафтем. Корҳои хобонидани мавод дар қисмати болоии сарбанд босуръат идома дорад. Дар кашондану қабат ба қабат мустаҳкам хобондани мавод сарбанд коргарони мутахассисон аз мошину таҷҳизоти муосир боркаш, булдозеру экскаватор ва дигар механизмҳои зарурӣ истифода мебаранд.

Маводи гилхок пеш аз рехтан аввал тибқи андозаи лоиҳавӣ (0,2 -0,5 мм) коркард мешавад. Андозаи 0,5 мм дар қисмати часпиши кӯҳҳо ва андозаи 0,2 мм дар қисматҳои боқимонда истифода хоҳанд шуд. Айни замон 700 000 метри мукааб мавод коркарду захира шудааст. Дар навбати аввал барои то ба сатҳи зарурӣ расидан 3,3 миллион метри мукааб мавод лозим мешавад.

Боздид аз толори мошинҳо низ бароямон хотирмон буд. Дарозии толор 220 метр, паҳноияш 22 метр ва баландии коркарди он 70 метр мебошад. Он дар сатҳи 100 метр поёнтар аз обанбор қарор дорад. Ду агрегати ба кор даровaрда (агрегатҳои 5 ва 6) дар ҳамин ҷо насб шудаанд. Конструксия барои агрегати якум аллакай омодааст. Ҳоло конструксияи агрегати дуюм идома дорад. Оҳану фулузоти он аз Федератсияи Россия оварда шуда, корҳои боқимонда дар ҳамин ҷо ҷараён мегиранд.

Корҳои заминӣ дар қисматҳои агрегатҳои 4,3, 2 ва 1-ум ба анҷом расонида шудаанд. Оянда таҷҳизот қисм-қисм оварда шуда, дар ҳамин ҷо васл карда, ба воситаи ду крани борбардор насб мекунанд. Вазни як ротор 850 тонна ва статер 470 тонна мебошад.

Тибқи лоиҳа, агрегатҳои боқимондаи НБО «Роғун» солҳои 2025, 2026, 2027 ва 2029 ба истифода дода хоҳанд шуд. Суръату сифати кор ва азми қавии муҳандисону коргарони иншооти бузурги асрро дида, боварӣ ҳосил кардем, ки фатҳи қуллаҳои мурод торафт наздиктар мешавад.

Сафари мазкур барои ман панҷумин боздид аз ҷараёни кор дар НБО «Роғун» буд. Зимни ҳар сафар мушоҳида мекунам, ки ин «Кохи нур» торафт пурҷилотар мешавад.

Бунёди НБО «Роғун» бори дигар собит месозад, ки мардуми тоҷик воқеан, миллати созандаю бунёдкор буда, таҳти сарвари Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба корнамоиҳои аз ин ҳам бештар қодиранд.

**Сайфиддин СУННАТӢ,**
**«Садои мардум».**
**Душанбе - Роғун - Душанбе**

ОБУНА - 2024

ОБУНА БА РӮЗНОМАИ «САДОИ МАРДУМ» - НАШРИЯИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛИ 2024 ИДОМА ДОРАД.

ТАВАССУТИ ОН «САДОИ МАРДУМ» БА ҲАР ХОНАДОНУ КОРГОҲИ КИШВАР РОҲ ЁФТА, ШУМОРО АЗ ТОЗАТАРИН ВА МУҲИМТАРИН НАВИДҲОИ ВАТАНИ АЗИЗ ВА ХОРИҶИ МАМЛАКАТ ХАБАРДОР МЕКУНАД.

НАРХИ СОЛОНАИ ОБУНА, БО ДАРНАЗАРДОШТИ АНДОЗ АЗ АРЗИШИ ИЛОВАШУДА ВА ХИЗМАТРАСОНИИ МУАССИСАҲОИ АЛОҚАИ ПОЧТА, БАРОИ ЯК НУСХА 196 СОМОНӢ МУҚАРРАР ШУДААСТ.

*Суроға: 734018, шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдӣ Шерозӣ - 16 (ошёнаи 6). Нишонӣ ва ҳисоби бонкии рӯзномаи «Садои мардум»:* с/ҳ 20202972701904102000; ҳ/м 20402972316264; БИК 350101626; РМА 030004877; Шуъбаи №2 БДА Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» дар шаҳри Душанбе. Индекси обуна: 68852. Телефонҳо барои маълумот: 238-53-71, 238-53-49, 238-54-57.

*Обуна дар идораи рӯзнома, муассисаҳои алоқаи почтаи шаҳру ноҳияҳои кишвар қабул шуда, пешоҳангон, ҳамчунин, шахсони алоҳидае, ки бо идораи рӯзнома шартнома баста, дар ин кор саҳм мегиранд, қадрдонӣ мегарданд.*

# СОҲА НАЗМУ ТАРТИБ МЕХОҲАД

**Чанде пеш дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон бо масъулони муассисаҳои соҳаи табъу нашр ва матбуот дар мавзӯи «Риояи қонунҳо ва санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ – омили рушди соҳаи табъу нашр ва матбуоти кишвар» машварат баргузор гардид.**

Дар он муовини вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон Давлат Сафарзода, сардори Раёсати табъу нашр ва матбуоти Вазорати фарҳанг Раҳмоналӣ Мирализода аз танзими фаъолияти соҳаи табъу нашр ва воситаҳои ахбори омма тибқи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма», «Дар бораи фаъолияти нооширӣ ва полиграфӣ», «Дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот», «Дар бораи иттилоотонӣ», «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он», «Дар бораи нусхаи ҳатмии ҳуҷҷатҳо», «Тартиби баҳисобгирии давлатии фаъолияти нооширӣ, корхонаҳои полиграфӣ ва пешбурди Феҳристи ягонаи давлатӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ суханронӣ намуда, ҳамзамон, аз ҷой доштани камбудию мушкилиҳо ва зарурати ислоҳот дар кори соҳа изҳори андеша намуданд.

Қайд гардид, ки дар фаъолияти муассисаҳои нашриётӣ ва нашрияҳои алоҳида ҳолатҳои беэътиноӣ нисбат ба риояи қонуну санадҳои ҳуқуқӣ ба назар мерасанд. Дар натиҷа, баъзан китобу мақолаҳое низ ба табъ мерасанд, ки мазмуну муҳтавояшон созанда нест.

Дар ҷомеаи демократӣ сензура қобили қабул нест, вале тамоман аз назорат дур мондан ҳам аз меъёрҳои демократия буда наметавонад. Набояд фаромӯш кард, ки амнияти иттилоотӣ ҷузъи таркибии амнияти миллии ҳар як давлат ба ҳисоб меравад. Таъкид гардид, ки кам нестанд матбааҳое, ки дорои Шаҳодатномаи фаъолияти соҳибкоранд, вале дар асл аз миёнараве беш нестанд. Дастгоҳҳои чопӣ як тараф, бархе, ҳатто утоқи корӣ ҳам надоранд. Фармоишҳоро қабул карда, китобҳоро дар матбааҳои дигар ба чоп мерасонанд ва ҳеҷ масъулияте ҳис наменамоянд. Аз ин рӯ, баъди азнавбақайдгирӣ фаъолияти чунин матбааҳо ҳатман манъ карда мешаванд.

**Мирзо РУСТАМЗОДА, «Садои мардум»**

Ба «САДОИ МАРДУМ» ҷавоб омад

# «ВОСЕЪ: МУШКИЛОТРО КӢ БОЯД РАФЪ СОЗАД?»

**Мақолаи хабарнигори идора Исломи Раҷабалӣ, ки дар рӯзномаи «Садои мардум» №70 (4653) аз 26 - уми майи соли 2023 бо номи «Восеъ: Мушкилотро кӣ бояд рафъ созад?» нашр гардидааст, дар ҷаласаи назди раиси ноҳия мавриди муҳокима ва баррасӣ қарор гирифт.**

Дар мақола муаллиф аз мушкилоти Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №38-и деҳаи Дарнайчии Ҷамоати деҳоти ба номи Худоёр Раҷабови ноҳияи Восеъ изҳори нигаронӣ намуда, аз ҷумла зикр намудааст: «Вазъи ногувори Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №38-и деҳаи Дарнайчии Ҷамоати деҳоти ба номи Худоёр Раҷабови ноҳияи Восеъ волидону омӯзгоронро нигарон кардааст. Ин муассиса, ки 30 км дуртар аз маркази ноҳияи Восеъ ҷойгир аст, 64 - сол қабл бунёд ёфтааст. Бо гузашти солҳо бо сабаби зиёд шудани шумораи аҳолии деҳа дар мактаб ҳамагӣ чанд синфхонаи иловагӣ сохта шудаасту халос. Ҳоло бинои муассиса кухнаю намнок мебошад».

Муайян гардид, ки эродҳои муаллифи мақола дар мавриди нарасидани мизу курсӣ, таъмирталаб будани бинои муассиса, набудани кабинетҳои фаннӣ ҳақиқат доранд.

Тавре дар мақола зикр шудааст, имсол Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Восеъ ба муассисаи мазкур 20 ҷуфт мизу курсӣ ва се тахтаи синфӣ дастрас намуд, ки то ҷое мушкили норасоии ҷои нишасти хонандагонро бартараф менамояд.

Зимнан, Вазорати маориф ва илми ҷумҳурӣ дар ҳудуди муассиса сохтмони бинои навро барои 220 ҷои нишаст ба нақша гирифтааст, ки баробари сохта ба истифода додани он мушкили устодону хонандагони пурра бартараф хоҳад шуд.

Аз рӯзномаи «Садои мардум» изҳори сипос менамоем, ки ба соҳаи маориф, хоса, дар навоҳии кишвар бетафовут набуда, камбудиҳои дар ин самт ҷойдоштаро ошкор менамоянд, ки ин боиси беҳтар гардидани фаъолияти кормандони соҳа ва вазъи муассисаҳо мегардад.

**Р. СОЛИҲЗОДА, мудири шуъбаи маорифи ноҳияи Восеъ**

# Э Ъ Л О Н !

## Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ озмун эълон менамояд:

1. Референти муовини Раиси Маҷлиси намояндагон (категорияи дуюм) – 1 ҷой, маоши вазифавӣ - 2740 сомонӣ;
2. Сармутахассиси раёсати ҳуқуқ (категорияи чорум) - 1 ҷой, маоши вазифавӣ - 2011 сомонӣ;
3. Сармутахассиси раёсати тарҷума (категорияи чорум) - 1 ҷой, маоши вазифавӣ - 2011 сомонӣ;
4. Сармутахассиси раёсати хоҷагӣ ва хизматрасонӣ (категорияи чорум) - 1 ҷой, маоши вазифавӣ - 2011 сомонӣ;
5. Сармутахассиси шуъбаи матбуот (категорияи чорум) - 1 ҷой, маоши вазифавӣ - 2011 сомонӣ;
6. Мутахассиси пешбари бахши таъмини фаъолияти кумита ва комиссияҳо (категорияи шашум) - 3 ҷой, маоши вазифавӣ - 1494 сомонӣ;
7. Мутахассиси раёсати ҳуқуқ, (категорияи ҳафтум) - 2 ҷой, маоши вазифавӣ - 1228 сомонӣ.

**ТАЛАБОТИ ТАХАССУСӢ БАРОИ ХИЗМАТЧИЁНИ ДАВЛАТИИ МАЪМУРӢ**

**Барои ишғоли мансаби маъмурии категорияи дуюм:**

- таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
- ду сол собиқаи хизмати давлатӣ дар мансабҳои категорияи сеюм ё 5 сол собиқаи умумии хизмати давлатӣ ё 6 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеъон;
- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- сифатҳои ташкилотчигӣ, ташаббускорӣ, масъулиятшиносӣ, ботаҷрибагӣ.

**Барои ишғоли мансаби маъмурии категорияи чорум:**

- таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
- се сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 4 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеъон;
- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- сифатҳои ташкилотчигӣ, ташаббускорӣ, масъулиятшиносӣ, ботаҷрибагӣ.

**Барои ишғоли мансаби маъмурии категорияи шашум:**

- таҳсилоти олии касбӣ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
- як сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- сифатҳои ташкилотчигӣ, ташаббускорӣ, масъулиятшиносӣ, ботаҷрибагӣ.

**Барои ишғоли мансаби маъмурии категорияи ҳафтум:**

- таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад.

**Барои ҳамаи довталабони мансабҳои маъмурии категорияҳои номбурда:**

- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ», қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- донистани забонҳои давлатӣ ва русӣ, кор бо технологияи муосири электронӣ;
- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ ҳатмист.

**Довталабон ҳуҷҷатҳои зеринро ба комиссияи озмун пешниҳод менамоянд:**

- ариза ба унвони роҳбари мақомоти давлатӣ;
- варақаи шахсии баҳисобгирии кадрҳо (бо 2 дона сурати андозаи 4х6);
- тарҷумаи ҳол;
- нусхаи ҳуҷҷатҳо дар бораи таҳсилот;
- нусхаи дафтарчаи меҳнатӣ;
- маълумотнома оид ба вазъи саломатӣ дар шакли 038 УЕ;
- нусхаи гувоҳномаи рақами мушаххаси андозсупоранда (РМА);
- эъломия дар бораи даромадҳо ва вазъи молумулкӣ;
- нусхаи шиносномаи шахсӣ;
- маълумотнома дар бораи надоштани доғи судӣ;
- нусхаи билети ҳарбӣ (барои шахсоне, ки хизмати ҳарбиро адо намудаанд.

**Мӯҳлати қабули ҳуҷҷатҳо** - 21 рӯз аз санаи нашри эълони мазкур.

**Суроға:** ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ - 42.

**Телефон барои маълумот:** 221-33-07.

**КОМИССИЯИ ОЗМУН**

БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № ДИО | Ташкилоти харидор | Мавзӯи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 417923 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ - кӯдакистони №118»-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 30 | 29.09.2023 16:05:06 |
| 2 | 417924 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии клиникии наркологияи ба номи Гулов Минҳоҷ Ғуломович»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Тестҳои оҷилӣ барои муайян кардани моводи мадҳушкунанда дар пешоб | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 10.10.2023 16:15:00 |
| 3 | 417925 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии клиникии бемориҳои касбӣ» | Реагенти лабораторӣ, мол ва масрафшавандаи тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 46 | 10.10.2023 16:40:00 |
| 4 | 417926 | Муассисаи давлатии минтақавии ҳайвоноти зотии ноҳияи Хуросон | Моводи канселярӣ, хоҷагидорӣ, либоси махсус, мӯза, хӯрок ва доруворӣ барои чорво | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 20 | 10.10.2023 16:50:30 |
| 5 | 417927 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Хуросон | Сохтмони пули мошингузар дар деҳаи Қушличи Ҷамоати деҳоти Ғаллаободи ноҳия | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 10.10.2023 16:55:50 |
| 6 | 417928 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № 44-и ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ | Таъмири асосии бинои муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 11.10.2023 08:33:32 |
| 7 | 417930 | Муассисаи давлатии «Боғи Ғалаба» | Ниҳоли гул, қумнамаки омехта ва нуриҳои минералӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 6 | 11.10.2023 09:10:10 |
| 8 | 417929 | Муассисаи давлатии таълимии «Гимназияи №3 барои хонандагони болаёқат»-и шаҳри Душанбе | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 26 | 11.10.2023 10:00:00 |
| 9 | 417931 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе | Корҳои ороишӣ ба муносибати пешвозгирии ҷашну маросимҳо дар ҳудуди ноҳия дар соли 2023 | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 11.10.2023 10:10:10 |
| 10 | 417933 | Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон» | Таҷҳизоти техникӣ, сантехникӣ, электрикӣ, сохтмонӣ, китобҳои тиббӣ ва нуриҳои минералӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 142 | 11.10.2023 12:30:10 |
| 11 | 417932 | Беморхонаи физиотерапивтии вилоятии «Ғулакандоз»-и вилояти Суғд | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 37 | 11.10.2023 13:45:00 |
| 12 | 417934 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии пешгирӣ ва мубориза бар зидди бемории ВНМО» | Таъмири ҷории бинои муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 11.10.2023 14:05:33 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак барои бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои БДА «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Мӯҳлати муқарраршуда мӯҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели - 22.**

Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.

# КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 10 - уми октябри соли 2023 музоядаи № 23-ро оид ба фурӯши воситаҳои нақлиёти қаблан дар истифодабуда барпо менамояд

**Ниссан – Максима, рақами давлатӣ - 409 ХК 02, соли барориш - 2004. Мансуб ба КФҶ «Коргоҳи таъмири қатораҳо». Нархи ибтидоӣ - 16000 сомонӣ.**

**Газель боркаш - 3302, рақами давлатӣ - 19-21 А 01 РТ, соли барориш - 2002. Мансуб ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нархи ибтидоӣ - 10000 сомонӣ.**

**Камаз - 5511, рақами давлатӣ - 531 ЕА 02, соли барориш 1985. Мансуб ба Муассисаи давлатии «Нигоҳдории роҳҳои автомбилгард»-и ноҳияи Шаҳристон. Нархи ибтидоӣ - 32000 сомонӣ.**

**Daewoo Lasetti, рақами давлатӣ - 559 ZM 01, соли барориш - 2004. Мансуб ба Донишкадаи такмили ихтсоси Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нархи ибтидоӣ - 10000 сомонӣ.**

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон – 21, ошёнаи 2- юми «Маҷмаи амвол», оғоз ёфта ва як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷои баргузоршавии музояда – **ш. Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, тел: 221-73-74.**

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад.

Музояда **соати $10^{00}$** барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 30 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок бо тариқи ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронида мешавад. Дар ҳолати ғолиб баромадан, харидор ба ҳисоби фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод менамояд.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани музояда бо суроғаи зерин: ш. Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, тел: 221-49-87, 221-73-74 ва сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.MUZOYADA-KVD.TJ** гирифтан мумкин аст.

# Э Ъ Л О Н !

Мудири махсуси **ҶДММ ТАҚХ «Тамвил»** ба маълумоти шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ мерасонад, ки бо мақсади ҳисоббаробарӣ намудани маблағҳои қарздеҳон, ҳамаи воситаҳои асосии ҷамъият, иборат аз мизу курсӣ, компютер, ҷевон ва дигар таҷҳизот, воқеъ дар шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ - 110 бо нархҳои бозорӣ ба фурӯш бароварда шудаанд.

Хоҳишмандон метавонанд ҳар рӯз аз **соати $9^{00}$ то $14^{00}$,** ба суроғаи дар боло зикршуда ё ба **телефони 44 600-00-00 (101)** муроҷиат намоянд.

Садои МАРДУМ

Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи демократӣ ва волоияти қонун

Муассис: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР АМИНИЁН Хӯҷаназар Файзулло

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:

*Абдухолиқ Мирзоев, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Шариф Атобуллоев, Фарзона Файзалиева.*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ 238- 53- 71; Сармуҳаррир факс 221- 36- 04; муовини аввал, роҳбари шабакаи мухбирони махсус 238- 53- 56; муовин 238- 54- 52; котибот 238- 59- 32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва ҳуқуқ 238- 58- 95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва сиёсати иҷтимоӣ 238- 52- 97; шуъбаи фарҳанг, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва регламент 238- 58- 93; муҳаррири шуъбаи мактубҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа 238- 58- 91; муҳосибот 238- 53- 49; шуъбаи обуна, қабули эълонҳо ва техникӣ 238- 54- 57; мухбирони махсуси музофотӣ дар ВМКБ 93- 355- 51- 03, 93- 458- 65- 69, Бохтар 919- 67- 88- 78, Кӯлоб 985- 82- 81- 97, Хуҷанд 92- 773- 28- 76, 92- 771- 76- 72, водии Зарафшон 93- 535- 06- 66, ноҳияҳои минтақаи Рашт ва ноҳияи Сангвор 918- 68- 40- 17, НТМ 000- 03- 03- 80.

**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

*Ба чопаш 22 сентябри соли 2023, соати 13:00 иҷозат дода шуд. Адади нашр 34500 нусха*

Навбатдори шумора Ф. Файзалӣ

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30- юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ 97